ҶАШНИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ НАВРӮЗ МУБОРАК, ТОҶИКИСТОН!

*Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# САДОИ МАРДУМ

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 36 (4776) | ЧОРШАНБЕ, 20 МАРТИ СОЛИ 2024 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад



## НАВРӮЗ РАМЗИ БУЗУРГДОШТИ ИНСОН ВА ҶАШНИ МАРДУМИЮ ТАБИИСТ

**Паёми шодбошии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ифтихори Соли нави аҷдодӣ - Наврӯзи байналмилалӣ**

шаҳри Душанбе, 20-уми марти соли 2024

**Ҳамватанони азиз!**

Ҳамаи шумо – мардуми шарифи Тоҷикистон ва ҳамватанони бурунмарзиамонро ба ифтихори фарорасии ҷашни Соли нави аҷдодиамон – Наврӯзи байналмилалӣ ва зеботарин фасли сол – баҳор самимона табрик мегӯям.

Моҳияту ҳикмат ва табиати ҷашни Наврӯз ҳамчун рамзи бузургдошти инсон, пайки пирӯзии гармӣ бар сардӣ ва нур бар зулмот, оини бедории табиат, эҳёи тамоми мавҷудоти олам дар тӯли ҳазорсолаҳо ба мардуми мо чун омили иттиҳоду сарҷамъӣ хизмат кардааст.

Ин ҷашни фархунда ба қалби хурду бузурги ҷомеа умеду орзуи зиндагӣ, хушҳолию сурур ва рӯҳияи ҳамзистию осоиш бахшида, мардумро ба дӯстию самимият ва муҳаббату садоқати инсонӣ нисбат ба ҳамдигар ҳидоят мекунад.

Маҳз ба ҳамин сабаб ин падидаи асили табиӣ ва фарҳангӣ ҳаргиз куҳна намегардад ва дар ҳама давру замонҳо ҳамқадаму ҳамқисмати инсоният боқӣ мемонад.

Мо ифтихор мекунем, ки ҷашни Наврӯз маҳсули тафаккур ва андешаи мардуми ориёинажод буда, таърихи беш аз шашҳазорсола дорад.

Тайи ҳазорсолаҳо дар ҳаёти қавмҳои ориёӣ, аз ҷумла мо – тоҷикон, ҳодисаю таҳаввулоти зиёде ба вуқӯъ пайвастаанд, ки боиси эҷоди маҳдудиятҳо барои баргузории оину суннатҳо ва ҷашнҳои миллии мо, ба шумули Наврӯз, гардидаанд.

Вале Наврӯз, мисли забон ва фарҳанги миллӣ, дар тору пуди ҳастии ниёгони мо он қадар мустаҳкам ҷой гирифта буд ва мақому ҷойгоҳи он дар миёни мардуми мо чунон баланд буд, ки ҳеҷ як монеа ва қуввае онро натавонист аз байн барад. Зеро Наврӯз моҳиятан ҷашни мардумӣ ва оини сирф табиӣ мебошад.

Мехоҳам таъкид намоям, ки далели асосии умри тӯлонӣ доштани Наврӯз робитаи мустақими он бо табиат ва инсон, пайванди он бо суннату анъанаҳо ва расму оинҳои миллӣ мебошад.

Наврӯз дар асл ҷашни зиндагисоз аст. Дар айёми Наврӯз табиат эҳё шуда, маҳз бо ҳамин сабаб дар ҷону рӯҳи инсон ҳам умеди тоза ба зиндагӣ кардану эҷод намудан ва обод кардану зебоӣ офаридан дигарбора зинда мегардад.

Замин қабои сабз ба бар менамояд, марди деҳқон ба корҳои баҳорӣ оғоз мекунад, бо умеду нияти ба даст овардани ҳосили фаровон ва таъмин намудани баракати дастурхони мардум ба замин дона мепошад.

Тозаю озода кардани манзили зист, аз ҷумла хонасафедкунӣ, ба умеди файзу баракат ва нуру рӯшноӣ берун баровардани шикастапораҳо ва аз гиёҳу алафҳои баҳорӣ омода кардани ҳар гуна таомҳои миллӣ аз ҷумлаи анъанаҳое мебошанд, ки мардуми мо онҳоро аз қадим то имрӯз риоя мекунанд.

Муқаддас донистану эҳтиёт кардани табиат, поккории ҷӯйбору чашмаҳо ва тоза нигоҳ доштани дарёю обанборҳо барои мардуми бостонии мо суннати дерина ва бисёр муҳим мебошад.

Бояд гуфт, ки дар масири таърихи тӯлонии халқамон Наврӯзи Аҷам дар баробари забони тоҷикӣ бунёди худшиносии тоҷиконро ташкил додааст. Агар забони тоҷикӣ ҳомии осори фаровону ҷовидонаи илмию адабӣ ва ҳофизаи таърихии мардуми мо бошад, ҷашни Наврӯз дарбаргирандаю нигоҳдорандаи суннатҳои зиндаи халқ, расму оинҳо ва фарҳанги миллӣ мебошад.

Аз ин рӯ, мо бояд ба хотири ҳифзи асолати худ ба ин арзишҳои бебаҳои миллиамон ҳамеша арҷ гузорем ва онҳоро чун гавҳараки чашм ҳифз кунем. Барои ин ҳоло тамоми заминаҳои зарурӣ муҳайё мебошанд.

Неъмати истиқлолу озодӣ ва оромию суботи ҷомеа ҷиҳати таҳқиқу омӯзиши таърихи пурғановати миллатамон, суннату анъанаҳо, расму оинҳо ва таҷлили густурдаи ҷашнҳои асили миллии Садаю Наврӯз, Тиргону Меҳргон ва эҳёю оммавӣ гардондани онҳо тамоми заминаю имкониятҳоро фароҳам овардааст.

Бо пешниҳоди Тоҷикистон ва дигар давлатҳои ҳавзаи тамаддуни Наврӯз соли 2010 дар асоси Қатъномаи Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид ин ҷашни бостонӣ мақоми байналмилалӣ касб намуд.

Тавсеа пайдо кардани фарҳанги наврӯзӣ ҳамовозии давлатҳои ҳавзаи Наврӯзро ба вуҷуд оварда, роҳро барои муколамаю гуфтугӯҳо ва ҳамкориҳои сиёсию иқтисодӣ, илмию адабӣ ва фарҳангию ҳунарӣ ҳамвор сохт.

Хотирнишон менамоям, ки оинҳои наврӯзӣ сарчашмаи бузурги ахлоқию тарбиявӣ мебошанд ва аҳли башарро ба таҳаммулгароӣ, бунёдкорию созандагӣ, яъне офаридани зебоӣ ва зебоипарастӣ, ҳидоят менамоянд.

Дар айёми Наврӯз ва фасли баҳор пӯшидани либосҳои миллии идона, тозаю озода кардани хонаю кошона, кӯчаю хиёбон, боғу гулгашт ва маҳалли зисти худ аз оинҳои зебоипарастии ниёгонамон маншаъ мегирад.

Мо бояд ин оину арзишҳоро ҳамарӯза риоя намоем, муҳити зист, яъне кӯчаю хиёбон, деҳаю маҳалли зист, шаҳру ноҳия, инчунин, роҳҳои кишварамонро ҳамеша тозаю озода нигоҳ дорем ва сарзамини аҷдодиамонро боз ҳам сарсабзу хуррам ва дилкашу хушнамо гардонем. Чунки ин корҳо нишондиҳанда ва баёнгари тамаддуни деринаи мо ҳамчун миллати ободгару созанда мебошанд.

Ҳамчунин, хотирнишон менамоям, ки дар фарҳанги тоҷикон амалҳои некию накукорӣ ва ботину қалби пок доштан анъанаи дерина буда, аз шиори аҷдоди некномамон – пиндори нек, гуфтори нек ва рафтори нек сарчашма мегиранд.

**Ҳамватанони азиз!**

Наврӯз, пеш аз ҳама, ҷашни марди деҳқон – давомдиҳандаи кори Бобои Одам ба ҳисоб меравад ва бо соҳаи кишоварзӣ робитаи мустақим дорад. Ин аст, ки марди деҳқон омадани фасли баҳор ва ҷашни Наврӯзро бесаброна интизорӣ мекашад.

Солҳои охир бо сабаби мураккабу ноором гардидани вазъи сиёсии ҷаҳон, тағйирёбии бесобиқаи иқлим ва оқибатҳои ногувори он – камобию хушксолӣ, инчунин, паҳн шудани бемориҳои сироятӣ таъминоти аҳолии сайёра бо озуқаворӣ торафт мушкил гардида истодааст. Дар кишвари мо низ камобӣ идома дошта, бориши барфу борон нисбат ба соли гузашта 70 фоиз кам мебошад.

Тибқи мушоҳидаю таҳлилҳо соли 2024 ҷомеаи ҷаҳонӣ аз нигоҳи таъминот бо маҳсулоти хӯроквориӣ нисбат ба солҳои гузашта бо вазъияти боз ҳам мушкилу вазнинтар рӯ ба рӯ мегардад. Имрӯз сокинони беш аз 80 кишвари дунё аз мушкилоти қаҳтию гуруснагӣ азият мекашанд. Бинобар ин, мо бояд аз тамоми захираю имкониятҳои мавҷуда, табиату иқлими мусоиди кишвар ва махсусан, обу замин, аз ҷумла заминҳои президентию наздиҳавлигӣ, оқилонаю самаранок истифода барем.

Дар шароити кунунӣ зарур аст, ки ба кишти такрорӣ, гирифтани се - чор ҳосил аз заминҳои обӣ, захираи дусолаи маҳсулоти хӯроквориӣ дар ҳар як оила ва расидан ба яке аз ҳадафҳои стратегии миллиамон –таъмини амнияти озуқаворӣ эътибори аввалиндараҷа дода шавад.

Ҳамчунин, мо бояд бо дарназардошти шароити замона анъанаҳои неки гузаштагони худ – сарфаю сариштакориро риоя намоем, ба зиёдаравию исрофкорӣ роҳ надиҳем, ба хотири ободу зебо ва сабзу хуррам гардондани кишварамон талош намоем.

Бовар дорам, ки дар соли нави аҷдодӣ мардуми сарбаланди мамлакат ба хотири ободии Ватан, пешрафти давлат ва беҳтар гардидани шароити зиндагии ҳар як оила боз ҳам бештар кор мекунанд ва заҳмат мекашанд.

Бори дигар ҳамаи шумо – ҳамватанони азиз, ҳамдиёрони бурунмарзӣ ва мардумони ҳавзаи тамаддуни Наврӯзро бо фарорасии фасли баҳор ва Ҷашни байналмилалии Наврӯз самимона табрик гуфта, ба хонадони ҳар як фарди мамлакат тандурустӣ, зиндагии босаодат ва ба мардуми сайёра сулҳу оромӣ орзу менамоям.

**Ҷашни байналмилалии Наврӯз – Соли нави аҷдодӣ муборак, ҳамватанони азиз!**

## СУҲБАТИ ТЕЛЕФОНӢ



**Ҳаждаҳуми марти соли 2024 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Президенти Федератсияи Россия муҳтарам Владимир Путин суҳбати телефонӣ анҷом доданд.**

Сарвари давлати мо дар ибтидои суҳбат Владимир Путинро ба муносибати пирӯзиаш дар интихоботи президентии дар Федератсияи Россия доиргардида сидқан табрик гуфтанд.

Президенти Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Владимир Путин дар фаъолияти давлатиашон комёбиҳои нави рӯзафзун дар роҳи рушди босубот ва шукуфоии Россияи дӯст орзу намуданд.

Зимни суҳбат ҷонибҳо оид ба масъалаҳои муҳими ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Россия бо таваҷҷуҳ ба соҳаҳои тиҷоратию иқтисодии муносибатҳои ҳар ду кишвар табодули афкор намуданд.

Пешвои миллат ба Президенти Федератсияи Россия дар иртибот ба пирӯзиаш дар интихобот, инчунин, барқияи табрикотӣ ирсол карданд.

---

**www.prezident.tj**

## НАВРӮЗ - ОИНИ ЗИНДАГИБАХШ ВА ҶАШНИ ДӮСТДОШТАИ МАРДУМ

**Паёми табрикии Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ бахшида ба Ҷашни байналмилалии Наврӯз**

шаҳри Душанбе, 20 марти соли 2024



**Ҳамватанони азиз!**

Ҳамаи шумо ва кулли фарзандони Тоҷикистонро, ки берун аз кишвар кору зиндагӣ доранд, ба ифтихори Соли нави аҷдодӣ, яъне Наврӯз, ки бо ташаббуси мамлакати мо мақоми байналмилалӣ гирифтааст, самимона табрику шодбош мегӯям.

Ба хонадони ҳар як фарди кишвар саломатӣ, осоиш ва иқболи баланд орзу менамоям.

Наврӯз ҷашни бузурги қавмҳои ориёӣ, яъне ниёгони тамаддунсози мо – тоҷикон мебошад ва таърихи беш аз 6000-сола дорад.

Бо гузашти асрҳо ин оини зиндагибахш ба қаламравҳои дигар паҳн гардида, ба ҷашни дӯстдоштаи мардумони гуногун табдил ёфт. Зеро Наврӯз ҷашнест, ки табиати мардумиву оммавӣ дошта, миллату халқиятҳои мухталифро, сарфи назар аз нажод, забон ва дину мазҳаби онҳо, гирди ҳам меоварад ва ба онҳо шодиву нишот мебахшад.

Сабаби аз ҷониби бисёр кишварҳои ҷаҳон дастгирӣ ёфтани пешниҳоди Тоҷикистон ва соли 2010 бо Қатъномаи Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид мақоми байналмилалӣ гирифтани Наврӯз маҳз дар моҳияту табиати мардумӣ доштани оинҳои ин ҷашни фархунда мебошад.

Мо – тоҷикон ифтихор дорем, ки ин ҷашн ҷаҳонӣ гардид, вале бештар аз он ифтихормандем, ки ба шарофати истиқлолу озодӣ имрӯз дар кишвари мо Наврӯз бо шукӯҳи хосса ва хушҳолии хурду бузурги мамлакат таҷлил мегардад. Ба ин маънӣ метавон гуфт, ки Тоҷикистон ватани Наврӯз аст.

Дар баробари ифтихор кардан мо бояд таърих ва суннату анъанаҳои наврӯзиро бештар омӯзем, онҳоро ҳифз кунем, густариш бахшем ва дар ҷаҳони пурмоҷарои кунунӣ ба аҳли башар беҳтар муаррифӣ намоем.

Бо умеди он ки Наврӯзи имсола ба кишвари маҳбуби мо пешрафту дастовардҳои нав хоҳад овард, тамоми мардуми шарифи Тоҷикистон ва ҳамватанони бурунмарзиамонро бори дигар ба ифтихори ин ҷашни фархунда табрик гуфта, ба ҳар яки онҳо тандурустӣ, рӯзгори осуда ва барору комёбӣ орзу менамоям.

**Наврӯзатон муборак, ҳамватанони азиз!**

# НАВРӮЗ ДАР МАСИРИ ТАЪРИХ

**Наврӯз, агарчи ҳамасола меояд, на танҳо куҳна намешавад, балки ҳар сол азизтар аз соли пеш бозмегардад.**




Аз замоне ки аҷдоди мо худро шинохт, ду ҷашн барояш муҳим буд: аввал иди офариниш дар аввалҳои фасли поиз - Меҳргон ва иди растохезе, ки дар оғози баҳор баргузор мешавад - Наврӯз. Мардум ақида доштанд, ки сарнавишти инсон ва ҷаҳон барои соли оянда дар Наврӯз таъйин мешавад. Дар ин рӯз некбахтиҳо барои мардум тақсим мегардад, аз ин рӯ, ин рӯзро ниёкони мо рӯзи умед низ номиданд.

Пеш аз фарорасии Наврӯз дар поёни сол маросиме доштанд бо номи Сурӣ, ки ҷашни оташ низ меномиданд.

Наврӯз дар Авасто зикр намешавад, зеро он ҷашни миллӣ маҳсуб меёбад ва Авасто китоби динист ва ҷашнҳои хоси худашро дорад. Баъд аз гузашти замон дини зардуштӣ ҷашнҳои Меҳргон ва Наврӯзро мепазирад.

Дар гузашта ин ҷашн як моҳ тӯл мекашид ва имрӯз дар мамлакатҳои ҳамзабон то сенздаҳ рӯз идома меёбад.

Рӯзи нахустини Фарвардинмоҳ Наврӯзи омма ё Наврӯзи хурд ё сағир хонда мешуд. Панҷ рӯзи аввали Фарвардин ҷашни Наврӯз хусусияти ҳамагонӣ дошта ва рӯзи шашуми Фарвардинмоҳ, ки Хурдодрӯз будааст, Наврӯзи бузург фаро мерасид. Ин рӯз дар аҳди Сосониён аз нақши хосе бархӯрдор буд. Баъд аз пазириши Ислом Наврӯзи бузург аз байн рафт.

Дар гузашта расме буд дар айёми иди Наврӯз барои хушҳолии умумӣ фардеро аз миёни мардум ба унвони мири Наврӯз интихоб мекарданд ва барои чанд рӯз зимоми корҳоро ба уҳдаи ӯ месупориданд. Пас аз гузашти айёми ҷашн салтанати ӯ низ ба поён мерасид ва возеҳ буд, ки ҷуз ханда ва хушҳолӣ манзури дигаре дар байн набуд.

Яке аз оинҳои дигари пеш аз Наврӯз парвардани сабза буд. Бино ба ривоят 25 рӯз пеш аз иди Наврӯз навъе аз донаи гандум, ҷав, биринҷ, лӯбиё, арзан, нахӯд, мош ва ғайраро дар кӯзаҳои махсус мекоштанд ва хубию камбуди ҳосили онҳоро дар соле, ки дар пеш буд, аз чигунагии сабзиши ин донаҳо пешбинӣ мекарданд.

Расми кӯзашиканӣ бинобар ин эътиқод буд, ки зарфҳои сафолини ҳар хонавода дар рӯзҳои пеш аз Наврӯз нав гардад.

Ниёкони мо ба ин андеша буданд, ки айёми Наврӯз рӯҳи гузаштагон аз ҷойгоҳи осмонии худ ба замин, ба хонаҳои хешовандони худ бозмегарданд. Бозмондагон барои хӯшии ҳар чӣ бештари рӯҳи гузаштагони худ хони наврӯзӣ бо ҳафт ғизои оғози ҳарфи ҳар калимааш бо шин меоростанд: шаҳду ширу шаробу шакару шамъу шамшоду шоя (мева). Интихоби рақами ҳафт ба далели муқаддас будани он аст, мисли ҳафт кавокиб, ҳафт табақа, ҳафт осмон, ҳафт пушт ва ғайра.

Ба далели боварҳои исломӣ сирка ҷои шароби нобро гирифта ва ҳафт шин ба ҳафт син табдил шуда: сир, себ, сабза, санҷид, сирка, сунбул, сипанд. Аммо назари дигарест, ки ба ҳақиқати суннати наврӯзӣ наздик аст. Дар оини наврӯзӣ барои чидани хони наврӯзӣ аз зарфҳои мунаққаши бисёр нафисе, ки аз Чин оварда шуда буд, истифода мекарданд ва онҳоро ба адади ҳафт амшоспанд (фаришта) (Баҳманамшоспанд, Шаҳривагамшоспанд, Сипандурмузамшоспанд, Хурдодамшоспанд, Урдубиҳиштамшоспанд ва Мурдодамшоспанд ҳамроҳ бо Аҳурамаздо) бар сари хонҳои наврӯзӣ мегузоштанд, аз ин рӯ, хони наврӯзӣ бо номи ҳафт чинӣ ё ҳафт қоб ном гирифта буд ва баъд ба сурати ҳафт шин даромадааст.

Бунёди ин ҷашнро ба Ҷамшеди пешдодӣ робита медиҳанд, ки дар таърих бо номи ҷашни Наврӯзи ҷамшедӣ низ маъруф будааст.

Гарчи иттилои дақиқе аз Наврӯзи давраи Каёниён нест, аммо дар ин ки оини ин ҷашн дар рӯзгори онон риоя мешудааст, тардиде вуҷуд надорад:

**Рӯзи Наврӯз дар замони Каён,**
**Мениҳоданд мардуми Ориён**
**Шаҳду ширу шаробу шакари ноб,**
**Шамъу шамшоду шоя андар хоб.**

Дар аҳди Ҳахоманишиён Наврӯз бо шукӯҳи хосе барпо мешуд. Он замон шоҳ Наврӯзро дар Тахти Ҷамшед барпо медошт ва тадбирҳои дахлдор дар Тахти Ҷамшед барои бузургдошти ин ҷашн андешида мешуд. Тавре ки аз катибаҳои даврони Ҳахоманишиён бармеояд, замони оғози соли нав замони мушаххас ва дақиқе надошта, балки тағйир меёфтааст. Бино ба ахбори ин катибаҳо, замони оғози соли нав аз 21 Исфандмоҳ (12 март) то 9 Урдубиҳишт (29 апрел) дар гардиш будааст.

Наврӯз дар замони Дориюши бузург дар Миср роиҷ гардид, инчунин, бархе усули гоҳшумории мисриёнро Ҳахоманишиён иқтибос карданд.

Бо пайдо кардани осори бостонии аҳди Ашконӣ маълум гардид, ки Наврӯз дар даврони шоҳаншоҳии онон бештар аз ҷониби мардум ҷашн гирифта мешуд. Бояд гуфт, ки пас аз замони ҳукумати селевкиҳо ҳарчанд ки Ашкониён аз ақвоми ориёӣ ва зардуштимазҳаб буданд, вале тасаллути 80-солаи юнониён дар онҳо асар карда, дар хусуси одобу русуми аҷдодӣ бетараф буданд. Аммо дар охири давраи ҳукмронии 486-солаи онҳо дубора ба суннату анъаноти аҷдоди хеш баргаштанд.

Дар даврони Сосониён Наврӯз ҷашни миллӣ ба шумор мерафт. Ҳатто мардуме, ки пайрави оини зардуштӣ набуданд, мисли оромиён, арманиён, гурҷиён, аммо дар ҳавзаи ҳукумати Сосониён зиндагӣ доштанд, низ дар он ширкат мекарданд. Мисли замони Ҳахоманишиён дар ин аҳд низ панҷ рӯзи аввали Фарвардин ҷашни Наврӯз моҳияти ҳамагонӣ дошт ва онро Наврӯзи омма ва ё Наврӯзи кучак номидаанд. Наврӯзи бузург ё Хурдодрӯз, ки шашумин рӯзи Фарвардинмоҳ аст, назди Сосониён бисёр муҳим буд. Ба ин рӯз бисёр ҳодисаҳоро иртибот медиҳанд, мисли зода шудани Зардушт ва ба пайғамбарӣ баргузидани ӯ, вуқӯи растохез. Дар тақвимҳои суғдӣ ва хоразмӣ рӯзи таваллуди Сиёвуш рӯзи шашуми Фарвардинмоҳ аст ва бо ин сол оғоз мешуд.

Баъд аз густариши Ислом дар сарзамини Хуросону Варорӯд аз ҷалоли ҷашни Наврӯз коста мешавад. Наршахӣ дар «Таърихи Бухоро» ба ҳангоми тавсифи ҷуғрофиёии деҳи Варахша, ки дар наздикии Бухорост, менависад, ки дар ин деҳ ҳар 15 рӯз бозор доир мешавад. Ва чун бозори охир бошад, 20 рӯз бозор кунанд ва рӯзи 21 Наврӯз кунанд ва онро Наврӯзи кишоварзон гӯянд.

Дар миёни ҷашнҳое, ки пас аз Ислом дар қаламрави Хуросони бузург ба далели бетаваҷҷуҳии ҳокимон ба фаромӯшӣ супорида шуданд, Наврӯз ҷойгоҳи худро ба унвони ҷашни миллӣ ҳифз намудааст. Далели пойдор мондани Наврӯз дар фарҳанги мо ин пайванди амиқи ин ҷашн бо оинҳои миллати мо, таърихи кишвар ва ҳофизаи фарҳангии мо - тоҷикон аст.

Арабҳо пас аз фатҳи қаламрави Эрон ва Хуросони бузург молиёти сангине барои баргузори ҷашни Наврӯз ва Меҳргон вазъ карданд. Халифаҳои Уммавӣ ва Аббосӣ низ ин равияро идома доданд. Аз баргузории оини наврӯзӣ дар замони Уммавиён мадраке дар даст надорем, аммо дар замони хилофати Аббосиён дар Бағдод аз барафрӯхтани оташ дар рӯзи Наврӯз ва пошидани об ба рӯи роҳгузаронро манъ карданд, вале пас аз нигаронӣ аз эҳтимоли ошӯби мардум фармон пас гирифта шуд. Бо сари қудрат омадани сулолаи Тоҳириён. Саффориён, Сомониён ва Оли Бӯя ҷашни Наврӯз бо густурдагии бештаре баргузор мешуд. Дар ин давраҳо шоирон бо фаро расидани Наврӯз дар ситоиши он шеър сароиданд ва ба шоҳ фаророасии Наврӯзро шодбош гуфтанд. Байҳақӣ аз шукӯҳи маросими Наврӯз дар дарбори Ғазнавиён навиштааст ва шоирони ин дарбор, чун Фаррухӣ, Манучеҳрӣ ва Саъди Салмон, дар ситоиши Наврӯз шеър сурудаанд.

Дар даврони Салҷуқиён ба дастури Ҷалолиддини Маликшоҳ теъдоде аз мунаҷҷимон, аз ҷумла Умари Хайём, барои беҳсозии гоҳшуморӣ ҷалб шуданд. Ин гурӯҳ Наврӯзро дар замони вуруди Офтоб ба бурҷи ҳамал қарор доданд ва ҷойгоҳи онро собит намуданд. Бар асоси ин гоҳшуморӣ, ки ба тақвими Ҷалолӣ маъруф шуд, барои собит мондани Наврӯз дар оғози баҳор муқаррар шуд, ки ҳудудан ҳар чор сол як бор (гоҳе ҳар панҷ сол як бор) теъдоди рӯзҳои солро ба ҷои 365 рӯз 366 рӯз дар назар гиранд. Ин гоҳшумор аз соли 392 ҳиҷрӣ /1001-1002 оғоз гирифт.

Дар Ҳинд низ ҷашни Наврӯз пешинаи таърихӣ дар фарҳанги он дорад. Бахусус, аз оғози ҳукумати Бобуриён дар ин сарзамин Наврӯз шукӯҳи ҷашни миллиро ба худ гирифт, ки дар он Ҷалолуддин Муҳаммади Акбар (1542-1605) нақши муҳим дошт. Ҷашни Наврӯз дар солҳои салтанати Ҷаҳонгир (1605-1627) ҳар сол аз ибтидои Фарвардин то ҳаждаҳуми ҷашни Наврӯз ҷашн гирифта мешуд ва рӯзи нуздаҳум бо баргузории ҷашни шараф поён меёфт. Бар асоси аснoди таърихӣ, Нурҷаҳон - маликаи ин дарбор аз мунаҷҷимон хост, ки ранги марбут ба солро ба ӯ гӯянд, то деворҳо, пардаҳо, фаршҳо, либоси канизҳо ва ғайраро ба ҳамон ранг тағйир диҳад. Дар дарбори писари Ҷаҳонгир – Шоҳҷаҳон (1628-1658), ки Тоҷмаҳалро сохтааст, баргузории Наврӯз идома ёфт. Аммо дар замони Аврангзеб, ки пас аз Шоҳҷаҳон ба тахт нишаст ва мусалмони мутаассиб буд, ҷашнгирии Наврӯз мутаваққиф шуд.

**Ҳамза КАМОЛ,**
**доктори илмҳои таърих, профессор**

**Аскар ҲАКИМ,**
**Шоири халқии Тоҷикистон**



# ҒАЗАЛИ НАВРӮЗ

*Эй баҳори боронҳо, офтоби наврӯзӣ,*
*Хандаи гулам омӯз, чанду чун ки омӯзӣ.*

*Корвони абри ту бор дар уфуқ андохт,*
*Карда домани гардун лолазору гулдӯзӣ.*

*Ман, вале ба субҳам рӯй то ба соҳати олам,*
*Дар диҳад чароғашро меҳри оламафрӯзе.*

*То ба чашми ҷон бинам он фурӯғи ойинро,*
*Бар ниёзи худсозӣ имтиёзи худсӯзӣ.*

*Чун ниҳояти ин раҳ сарзамини хуршедист,*
*Шаб ба шаб ба ҷонсӯзӣ мерасам ба он рӯзе.*

*Ҳолиё баҳорам деҳ, сабз баргу борам деҳ,*
*Эй, ки аз ту сарсабз аст рӯзгору ҳам рӯзӣ.*

*Шохаи муҳаббатро дар ҳавои ҷон бишкуф,*
*Дар замини дилҳо сӯз тухми бухлу кинтӯзӣ.*

*Ҳайф бошаду сад ҳайф дар диле ба фарвардин,*
*Ҷойи хор-хори гул хориву зуландӯзӣ.*

*Ошиқона хуш бошад сар ба пойи гул бозӣ,*
*Дар диҳӣ дилу ҷонро шавқе, оташе, сӯзе.*

*Дар сипеҳри армонҳо хоҳамат ба ҳар фасле,*
*Моҳтоб ҳар шоме, офтоб ҳар рӯзе.*

# ОБ ВА НАВРӮЗ - ДУ ОМИЛИ МУТТАҲИДКУНАНДАИ БАШАРИЯТ

## БАХШИДА БА РӮЗИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ҲИФЗИ ПИРЯХҲО

**Воқеист, ки чанд даҳсолаи ахир ҳалли масъалаҳои тағйирёбии иқлим ва дастрасӣ ба захираҳои об яке аз мушкилоти мубрами ҷаҳонӣ гаштааст. Барои дарёфти роҳҳои ҳалли онҳо, ки яке аз Ҳадафҳои рушди устувор мебошанд, давлатҳои ҷаҳон корҳои зиёд анҷом дода истодаанд. Дар ин радиф Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгоҳи махсус дорад.**

Аз солҳои аввали истиқлолияти давлатӣ кишвари мо дар қатори дигар масъалаҳои ҳалталаби ҷаҳони муосир мушкилоти обу иқлимро, ки барои таъмини амну суботи ҳар як давлат рӯз ба рӯз аҳамияти бештар касб менамояд, фаъолона ба муҳокимаҳои сатҳи ҷаҳонӣ мебарорад.

Ҳанӯз октябри соли 1999 дар шаҳри Ню-Йорки ИМА дар ҷаласаи 54 Ассамблеяи генералии СММ зимни суханрониашон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз ҷумла, чунин қайд намуданд: «Дар баробари ҷанбаи инсониятпарварӣ доштанаш муаммои об дорои ченакҳои бисёри дигар, аз ҷумла иқтисодӣ ва экологӣ, мебошад. Обро ҳамчун сарвати умум баҳо дода, ҷавобгарӣ барои нигоҳ доштани он ба манфиати наслҳои оянда бояд байни ҳамаи давлатҳо тақсим карда шавад».

Ҳамин тариқ, доираи шинохти об аз захирае, ки асосан барои қонеъ кардани талаботи маишии инсон, зироаткорӣ ва ё саноат истифода мешуд, васеътар гардид. Акнун захираҳои об дар ҳалли масъалаҳои вобаста ба муносибатҳои байналмилалӣ, амнияти миллию минтақавӣ ва мушкилоти дастрасӣ ба шароити одитарини зиндагӣ мавқеи калидиро касб намудааст.

Ҳамкориҳо дар бахшҳои гуногуни иқлим ва идоракунию истифодабарии захираҳои об байни ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ тавсеа ёфта, Тоҷикистон, аз ҷумла, ба қарор дар хусуси таъсиси Бунёди байналмилалии наҷоти Арал, Эъломияи Нуқус, созишномаҳо байни ҳукуматҳои давлатҳои Осиёи Миёна дар хусуси истифодабарии захираҳои обию энергетикии дарёҳои минтақа ҳамроҳ шуд.

Татбиқи сиёсати «дарҳои боз» ва ҳамкориҳои самаранок имкон дод, ки ташаббусҳои глобалии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бавижа дар ҳалли мушкилоти марбут ба обу иқлим, аз сӯи ҷомеаи ҷаҳонӣ мавриди дастгирии аксарият қарор гирад.

Тоҷикистон дар заминаи роҳандозии ҳамкориҳои созанда дар доираи Созмони Милали Муттаҳид марҳила ба марҳила ба татбиқи босамари қатъномаҳои муҳими обию иқлимӣ, ки ташаббускори онҳо мебошад, ноил гардид. «Соли байналмилалии оби тоза – 2003», Даҳсолаи байналмилалии амал «Об - барои ҳаёт, 2005 – 2015», «Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об – 2013» ва Даҳсолаи байналмилалии «Об - барои рушди устувор, 2018-2028» аз ҷумлаи чунин иқдомҳост.

Тавассути ташаккули Гурӯҳи дӯстони об ва кумитаи роҳбарикунандаи он, инчунин, ба роҳ мондани фаъолияти Кумитаи байналмилалии машваратии «Раванди оби Душанбе» дар доираи Созмони Милали Муттаҳид ба Тоҷикистон муяссар гардид, ки дар пешбурди рӯзномаи ҷаҳонии об саҳми муассир дошта бошад.

Ҳамаи қатъномаҳои Маҷмаи умумии СММ, ки бо ташаббусҳои Тоҷикистон қабул шудаанд, дорои ҳадафҳои созандаи ҳусни ҳамҷаворию сулҳҷӯёна буда, ба рушди ҳамаи кишварҳо нигаронда шудаанд.

Қобили зикр аст, ки дар баробари давлатҳои ботаҷриба ва дорои зарфиятҳои молии бузурги ҷаҳон ташаббускори қатъномаҳои Маҷмаи умумии СММ гардидан кори саҳл набуд. Вале, Тоҷикистон сарфи назар аз иқтидори маҳдуд, тавонист, ки ташаббускор ва пешбарандаи қатъномаҳои Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид дар ин самти ҳаётан муҳим гардад.

Дар зимн, дастоварди дигар он буд, ки дар раванди таҳияи Рӯзномаи 2030 оид ба рушди устувор, маҳз бо саъю талошҳои хастанопазири ҷониби Тоҷикистон масъалаи об ва беҳдоштӣ дар қатори 17 Ҳадафҳои рушди устувор, ҳамчун ҳадафи 6 тасдиқ карда шуд.

Дар ниҳоят, қобили таъкид аст, ки моҳи декабри соли 2022 бо пешниҳоди Сарвари Тоҷикистон соли 2025 «Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо» эълон гардид.

Таваҷҷуҳ зоҳир кардан ба масъалаҳои марбут ба пиряхҳо аз ҷониби Пешвои миллат борҳо таъкид гардидааст. Нахустин маротиба Пешвои миллат дар хусуси диққати ҷиддӣ додани ҷомеаи ҷаҳонӣ ба ҳифзи пиряхҳо ва таъсиси хазинаи махсус моҳи июни соли 2009 дар Конфронси 15 ҷонибҳои Конвенсияи қолабии СММ оид ба тағйирёбии иқлим дар Копенгаген (Дания) даъват карда буданд. Баъдан моҳи июни соли 2012 дар ҷаласаи умумии Конфронси СММ оид ба Ҳадафҳои рушди устувор, дар шаҳри Рио-де-Жанейро (Бразилия), дигар конфронсу чорабиниҳои сатҳи СММ ва форумҳои обу иқлим дар Тоҷикистон, ИМА, Франсия, Япония, Туркия, Шотландия, Ҷумҳурии Арабии Миср, инчунин, ҷаласаҳои Панели сатҳи баланд оид ба обу иқлим, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон узви он мебошанд, ин масъала ба маркази таваҷҷуҳ гузошта шуд.

Натиҷаи ин талошҳо буд, ки дар баробари эълон доштани соли 2025 «Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо» Маҷмаи умумии СММ ду қатъномаи махсусро дар робита ба ин масъала – эълон доштани 21 март ҳамчун Рӯзи байналмилалии ҳифзи пиряхҳо ва таъсиси Фонди эътимодии ҳифзи пиряхҳо қабул намуд.

Ташаббуси навбатии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мавқеи кишвари моро дар пешбурди сиёсатҳои ҷаҳонӣ боз ҳам таҳким бахшида, шинохт ва эътирофи ин Абармарди таърихиро ҳамчун лидери ҳалли масъалаҳои ҷаҳонии обу иқлим қавитар намуд.

Акнун Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳалли мушкилоти глобалии об аз иштирокчии канорӣ ба давлати пешоҳанг, муайянкунанда ва пешбарандаи сиёсати ҷаҳонии обу иқлим мубаддал гашта, мудирияти чорабиниҳои асосӣ ва бонуфузтарини сатҳи ҷаҳонии марбут ба ин масъалаҳоро ба зимма дорад.

Кишвари мо ба он ноил гашт, ки таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ ба мушкилоти печидаи обу иқлим бештар ҷалб гардида, ин ду ҷанба, дарвоқеъ, ҳамчун бақои ҳаёти инсоният ва асоси рушди давлатҳо шинохта шаванд.

Вобаста ба ин як нуктаро махсус бояд қайд кард: Дар маросими пӯшидашавии конфронси болозикр бо назардошти аҳамияти ҳамкориҳои байнидавлатӣ Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон суханони таърихиро иброз доштанд: «Биёед, мо дар атрофи об муттаҳид бошем!».

Пиряхҳо, ки манбаи асосии ташаккули оби дарёҳои Осиёи Марказӣ мебошанд, бо ин даъвати таърихии Пешвои миллат ин сарвати бебаҳо на танҳо омили ташаккули об ҳамчун манбаи ҳаёт, балки омили муттаҳидкунандаи ҳамаи давлатҳои манфиатдор дар ҳалли мушкилоти гуногуни минтақавӣ ва ҷаҳонӣ мегардад.

Ба Ҷашни байналмилалии Наврӯз рост омадани Рӯзи байналмилалии ҳифзи пиряхҳо ин худ рамзӣ мебошад. Яъне, обу Наврӯз, об ва эҳёи табиат, обу ҳаёт, об ва шурӯи зиндагӣ, бо ҳам тавъаманд, якдигарро мукаммал гардондаанд, балки боиси ҳастии мавҷудотанд. Об ва Наврӯз бо аҳамияти бебаҳои худ метавонанд ду омили муттаҳидкунандаи башарият бошанд ва зиндагии инсониятро сабзу хуррам ва зебову рангин созанд.

**Ҳаёт ОДИНАЕВ,**
**Рустам ЛАТИФЗОДА,**
**вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

# НАВРӮЗИ ШОДИЮ ШУКУФТАН

**Зиндагӣ маҷмӯаи шодиҳою дардҳост, аммо он зеботару ширинтар мешавад, агар ҳар рӯз, ҳар моҳ, ҳар сол, балки ҳар лаҳза худро эҳё кунӣ, хорҳоро аз пайкари дили хеш бикашӣ, ангалҳоро дар вуҷудат бишносӣ ва онҳоро ба дур андозӣ, хештанро пок созӣ ва мисли баҳоре шукуфо гардӣ. Ҳамон тавре ки Наврӯз меояд, хокро зинда месозад, намоишгоҳе аз гулҳои рангоранг, сабзазори тозаю хуррам, боғсори шодобу пурнакҳат меорояд. Одамизод низ бояд ба наврӯзи хеш расад ва намоишгоҳи зебоиҳояшро ба тамошо биншинад.**

Замоне фаротар аз таърих шоҳаншоҳ Ҷамшеди Каёнӣ ба огаҳӣ расид ва мардуми кишварашро ба шинохти худу муҳит раҳнамун сохт. Дониш падид омад ва муъҷиза рух дод. Хайём дар «Наврӯзнома»-и хеш менависад, ки чун озодзодагон ба дониш расиданд, «**бидонистанд, ки офтобро ду давр бувад. Яке он, ки ҳар сесаду шасту панҷ рӯз ва рубъе аз шабонарӯз ба аввали дақиқаи Ҳамал боз ояд, ба ҳамон вақту рӯз, ки рафта бувад, бадин дақиқа натавонад омадан, чӣ ҳар сол аз муддат кам шавад. Ва чун Ҷамшед он рӯзро дарёфт, Наврӯз ном ниҳод ва ҷашн оин овард**».

Ниёкони мо дар он даврони куҳан, ки устурааш меномем, бо доноӣ зиндагиашонро ба сӯи зебоӣ ва хубиҳо бурданд ва донистанд, ки Наврӯз дар табиат ва дар тинати инсон шукуфоӣ меорад ва шодиро тавлид мекунад. Рӯдакӣ ҳам ба мо панд медиҳад:

*Шод зӣ бо сияҳчашмон шод,*
*Ки ҷаҳон нест ҷуз фасонаю бод...*
*Боду абр аст ин ҷаҳони фусус,*
*Бода пеш ор, ҳар чӣ бодо бод.*

Наврӯз барои ниёкони мо мисли таваллуди дигар будааст. Таваллуде пур аз кушоиш. Ҳамон гуна, ки табиат дар ин айём худро аз нав месозад, пешиниён низ худрою зиндагиашонро пайваста рушд бахшидаанд. Ба иқтибоси зер аз «Наврӯзнома»-и Умари Хайём таваҷҷуҳ зоҳир кунед: «**Ҷамшед девонро мутеи худ гардонид. Бифармуд, гармоба сохтанд, дебо бофтанд. Ҷавоҳир аз маодин берун овард, силоҳҳо, пирояҳоро сохт. Зар, нуқра, мис, арзиз ва сурб аз конҳо берун овард. Тахту тоҷ ва ёраю тавқу ангуштарин ӯ сохт. Мушк, анбар, кофур, заъфарон, уд ба даст овард ва Наврӯзро ҷашн гирифт**».

Ҷамшед девонро мутеи худ гардонд, яъне ҷаҳолат, торикӣ, бехабариро барҳам зад, дониш ва огаҳиро ҷонишини ҷаҳл гардонд. Ин боис гашт, ки зару нуқра, арзизу сурбро истихроҷ кунад, ба мушку анбару кофур даст ёбад. Ба зиндагӣ таҷаллӣ ва шукӯҳи нав орад. Тафаккури раияташро дигар бисозад, мамлакатро обод бинмояд, яъне ба Наврӯз бирасад. Умари Хайём таъкид мекунад, ки «**одамиён ба ақлу таҷриба рӯзгор ба-дин ҷо расонидаанд, ки мебинӣ**».

Ақл ва таҷриба ду абзоре ҳастанд, ки башариятро комил гардонидаанд.

*Бирав, зи таҷрибаи рӯзгор*
*баҳра бигир,*
*Ки баҳри дафъи ҳаводис туро*
*ба кор ояд.*

Шоҳони Каён ҳамеша мекӯшиданд, ки худро ва сокинони мамлакаташонро ба хуррамӣ расонанд. Дар шодию рифоҳ зиндагӣ карданро ҳақиқати ҳаёт медонистанд. Аз ин ҷо буд, ки ҳар дастовардеро, ҳар навгониеро ҷашн мегирифтанд, базм меоростанд. Ҳар моҳе барояшон азамате, ҳикмате, тақаддусе дошт, ки аз онҳо ба хубӣ истифода менамуданд.

Ниёконамон солро ба дувоздаҳ моҳ тақсим карданд ва ҳар моҳеро номе гузоштанд: Фарвардинмоҳ, Урдубиҳиштмоҳ, Хурдодмоҳ, Тирмоҳ, Мурдодмоҳ, Шаҳривармоҳ, Меҳрмоҳ, Обонмоҳ, Озармоҳ, Даймоҳ, Баҳманмоҳ, Исфандормазмоҳ. Онҳо ҳар моҳеро мансуб ба фариштае карданд, ки он моҳро ба покию шодӣ нигаҳбон бошад.

Наврӯз инқилобе дар мо - инсонҳост. Инқилобе аз хираду дониш ва таҷрибаи рӯзгор. Ҳамин инқилоби наврӯзӣ боис шуд, ки аҷдодонамон гардиши паргории оламро бишносанд ва бурҷҳоеро дар осмон мушоҳида намоянд ва аз ҳар бурҷе садои ишқу шодӣ, сулҳу осоишро бишнаванд ва аз онҳо дар роҳи камоли хеш истифода баранд.

Умари Хайём ба шоҳони турктаборе, ки дар замони ӯ ҳукумат доштанд, оини шоҳони Каёниро тавсия дода, дар «Наврӯзнома»-аш менависад: «**Бар подшоҳон воҷиб аст оину расми мулук бар ҷой овардан аз баҳри муборакӣ ва аз баҳри таърихро ва хуррамӣ кардан ба аввали сол**». Чаро Хайём оину расми мулуки Каёниро воҷиб медонад. Барои он ки: «**Ҳар кӣ рӯзи Наврӯз ҷашн кунад ва ба хуррамӣ пайвандад, то Наврӯзи дигар умр дар шодӣ ва хуррамӣ гузорад. Ва ин таҷрибат ҳукамо аз барои подшоҳон кардаанд**».

Мақсад аз таҷлили ҷашни Наврӯз ва идҳои дигар шод зистан аст. Шодӣ нур аст, ки торикиро барҳам мезанад, сулҳ табассуми ширини хуршед аст, ки ҷангро аз байн мебарад. Пас, Наврӯз ба мо таълим медиҳад, ки мисли гул, мисли дарахт худро бо атрҳо шодоб созем. Бад нагӯем, бад наяндешем. Покию озодагиро пешаи худ созем, то ба Наврӯзи худ бирасем ва тамоми сол Наврӯз дошта бошем.

Як хато, қадаме ба сӯи нопокӣ, бадандешӣ оқибати сахте дар пай дорад. Ҷамшед ҳам баъд аз чаҳорсад соли подшоҳӣ фиреби шайтонро хӯрд, ба доми ҷаҳолат афтод. Хайём мегӯяд: «**Дев ба ӯ раҳ ёфт ва дунё ба дили ӯ ширин гардонид... Манӣ дар хештан овард. Бузургманишӣ ва бедодгарӣ пеша кард**». Ин чиз боис гашт, ки Заҳҳок бар ӯ ғалаба кунад ва нурро аз байн барад.

Заҳҳок тимсоли ҷаҳолат аст, ҷаҳле, ки инсонро аз байн мебарад, душмани шодӣ



ва шукуфоӣ аст. Ин ҷаҳл, ин торикӣ ҳазор сол идома дошт, то Фаридуни фаррухпай омад ва дубора нуру Наврӯзро овард.

Имрӯзи оини шод зистан, пок будан, нек андешидан, ба сӯи хубиҳо ҳаракат кардан дар Тоҷикистон, дар набзи мардуми тоҷик зинда аст. Имрӯз Наврӯзи мо аз дили мо, аз мағзи мо, аз ҷони мо оғоз мешавад. Пас, нагузорем, ки дев ба мо ёр гардад, ҷаҳолат моро ба дом андозад, бадандешӣ чароғи ҳастиямонро хомӯш созад.

*Хаста бод он дилею он ҷигаре,*
*Ки ба шодии ту набошад шод.*
*Дер зӣ в-он ки иззи ту талабад,*
*Ҳамчу ту шод боду дер зияд.*

**ВОРИС, «Садои мардум»**

# ҲАДИСИ НАВРӮЗГОҲИ ТАМОШОТЕППА

**Наврӯз дар Кӯлоби бостонӣ дар гузаштаи на он қадар дур бо тадоруку маросими хос баргузор мегашт. Он солҳо ин ҷашн дар наврӯзгоҳи шаҳри Кӯлоб - Тамошотеппа таҷлил мешуд. Тамошотеппа дар шимоли шаҳр воқеъ аст.**

Баргузории ҷашни Наврӯз дар Кӯлоб суннатҳое дошт. Мардум аз аввали моҳи Баҳман, ки «Ҳуту ҷут» низ мегӯянд, Наврӯзро бесаброна интизор мешуданд.

Суннати дигари кӯлобиён дар истиқболи Наврӯз аз корҳои саҳроӣ оғоз мегашт. Дар ибтидои моҳи Ҳут шаҳриён наҳру ҷӯйборҳоро тоза мекарданд. Дар Кӯлоби солҳои 70-80-уми асри гузашта ду зани рӯзгордида Бизиннати 110 - сола ва Марямбибии 104 - сола зиндагӣ менамуданд. Онҳо нақл кардаанд, ки охирҳои асри XIX бо кӯза бо аспу ароба, гоҳе тори сар аз чашмаҳои Турконӣ ва Тебалай ба хонаашон об меоварданд.

Оби «Чашмаи ошиқон» дар Тебалай як қади одам аз замин фаввора зада мебаромад ва то Тудакафш панҷ осиёбро гардон месохт. Ин об ба се ҷӯйбор тақсим мешуд. Ҷӯйбори якум аз боғи Абдувадудбой то мазори Ҳазрати Амирҷон меомад. Ҷӯйбори дуюм аз наздикии мазори Хӯҷа Ғойиб то қалъаи Ҳокими Кӯлоб меомад ва ҷӯйбори савум аз боғи Мулло Абдурасул ба кӯчаи Кукчанор гузашта, аз пушти мактаби ҳозираи №7 ҷорӣ мегашт.

Ҳар се ҷӯйбор мироб дошт. Аз рӯйи нақли шоҳидон, миробӣ ҷӯйбори сеюм бобои Холмад Довудов буд, ки дар 110 - солагӣ соли 1982 дар шаҳри Кӯлоб вафот кардааст. Ӯ дар замони подшоҳӣ низ аз пушти миробӣ нон мехӯрд.

Он замон ба наврӯзгоҳи Тамошотеппа аз чашмаи Чармгари поён бо хару аспу шутур об мебурданд. Рӯзҳои Наврӯз машкобон дар пушт машки об бардошта баланд - баланд садо мекарданд, «Об оби турконӣ, оби яхоб», «Оби Тебалай менӯшӣ, мағзи сарат ях мекунад».



Аз аввали рӯзҳои баҳор то охири тобистон дар Наврӯзгоҳ ва бозорҳои шаҳр барфу яхоб мефурӯхтанд. Ҳамчунин, дар шаҳр сардобаҳо вуҷуд доштанд. Машҳуртарини онҳо сардобаҳои Тебалай ва Турконӣ буданд.

Суннати дигари наврӯзӣ дар охири Чила ва аввали моҳи Ҳут маросими «Говбаророн» буд. Барзаговҳоро чанд рӯз коҳу алафу кунҷора дода, ба кишт омода месохтанд. Сипас, ба саҳро баромада, бо равғани зағир оши палав, шӯрбою қалама ва самбӯсаи алафӣ мепухтанд. Он гоҳ шукронаи Офаридгорро ба ҷо оварда, пирони хирад ва деҳқонони корозмуда дуою фотеҳа мекарданд. Баъд аз ба ҷо овардани ин маросим ба шудгори замин мепардохтанд.

Суманак дар айёми Наврӯз ғизои писандидаи кӯлобиён буд. Дар миёни мардум дар бораи пайдоиши суманак чунин ривоят вуҷуд дорад: Имом Ҳасан ва имом Ҳусайн бинобар тангии рӯзгор аз гуруснагӣ азоб мекашиданд. Дар хонаашон барои хӯрдан чизе набуд. Рӯзе Ҳазрати Бибифотима ба мақсади тасаллии онҳо дегеро рӯи оташдон гузошта, ба даруни он як миқдор сабза ва чанд дона санг андохта, ба зери дег оташ меафрӯзад. Иттифоқан ҳазрати пайғамбар (с) вориди хона шуда мебинанд, ки атрофи дегро малоик иҳота кардаанд. Сарпӯши дегро гирифта мебинанд, ки даруни он пур аз ҳалвост. Паёмбар номи ҳалворо «сермалак» мегузоранд. Номи «Сермалак» бо мурури замон дар забони мардум ба суманак табдил меёбад. Ин бовар суманакро дар миёни мардуми минтақа ба ғизои табаррук ва писандида мубаддал гардондааст.

Тибқи ривоят, соли 1860 Наврӯз бо шукӯҳу шаҳомати хос дар Тамошотеппа ҷашн гирифта мешуд. Ҳокими Кӯлоб низ дар он маросим ширкат дошт. Дар он ҷашн човандозону паҳлавонон, мутрибону ромишгарон аз Афғонистон ҳам иштирок карданд. Он вақт дар Тамошотеппа Наврӯз чун дар дигар гӯшаҳои сарзамини Хуросони бузург - Даштиҷум, Дарвозу Бадахшон, Шингон, Чаёбу Балх, Давлатободи куҳан... панҷ рӯз таҷлил мешуд. Се рӯз гӯштингирӣ, як рӯз бузкашӣ, як рӯз дорбозӣ, кабку хурӯсҷанг ва базму тараб меоростанд.

Дар базми мазкур Муҳаммад Султон (бобои Булбул Султони Кӯлобии мақомхон), Бобохалил, Содиқ ва аз Афғонистон Абдимади Шингонӣ ҳузур доштанд.

Дар он ҷашн дар гӯштин паҳлавон Имомназар ва дар човандозӣ бародараш Маназар ғолиб омада, мукофоти махсуси мири Кӯлобро соҳиб гардиданд. Рӯзи сеюми ид ҳаво хеле гарм мешавад, вале ин ҳолат дер давом намеёбад. Баъд аз нисфирӯзӣ якбора шамоли тунде бармехезад ва барфбоде ба вазидан медарояд. Ошпазҳо ва дорбозон фирор мекунанд. Хаймаи мири Кӯлобро, ки аз алочаи думокуа бофта шуда буд, шамол ба осмон мехезонад. Ҷашн вайрон мешавад. Барф як шабонарӯз меборад.

Баъд аз қатъ гардидани бориши барф сармо ба тамоми водии Кӯлоб ҳукумат меронад ва чил рӯз офтоб беҳарорат мегардад. Ин сардӣ, пеш аз ҳама, ба чорпоён зарар мерасонад. Захираи хӯроки онҳо тамом мешавад. Мардум коҳро ба ивази ҷав, гандум ва нахӯд базӯр меёбанд. Одамон галаю рамаҳояшонро ба лаби дарёи Панҷ мебаранд, ба умеде ки чизе пайдо карда хӯранд, аммо дар аксари деҳаҳои ободи Терай чорвоён талаф меёбанд.

Ҳамин тавр, агар ба таърихи ҷашнгирии Наврӯз назар андозем, мебинем, ки он масири тӯлонӣ дорад. Ин ҷашни мардумӣ дар замони соҳибистиқлолӣ шукӯҳи дигар гирифт ва фарри каёниро ба хонаву дилҳоямон ба армуғон овард.

**Исматуллоҳи ЯЪҚУБЗОД, узви ИЖТ, фарҳангшинос**

**Дар дунё халқияту миллатҳои гуногун зиндагӣ менамоянд, ки урфу одат, расму оин ва арзишҳои муқаддаси миллии худро доранд. Вале дар миёни ин ҳама ҷашни Наврӯз бо собиқаи худ мақоми шоиста касб намуда, аз ҷониби бисёр халқияту миллатҳои дунё нек истиқбол гардидааст.**




# МУЪҶИЗА АСТ

Наврӯз иди хеле қадимаи мардуми ориёӣ, аз ҷумла тоҷикон, буда, таърихи он ба беш аз шаш ҳазор сол тӯл мекашад. Бо ривояте ин ҷашнро Ҷамшед дар моҳи аввали баҳор - Фарвардин асос гузоштааст:

***Ба Ҷамшед бар гавҳар афроштанд,***
***Мар он рӯзро рӯзи нав хонданд.***

Новобаста аз муқобилияту оштинопазирии аҷнабиён тӯли таърих ва аҳли хурофоту таассуб ин ҷашни бузурги аҷдодӣ, ин ҷашни рӯшноӣ, зебоӣ, ҳаёту меҳнат, киштукори деҳқонӣ ва дур аз ҳама гуна ангезаю манфиатҳои муғризонаи динию мазҳабӣ ва сиёсӣ пойбарҷо монд. Расман мақоми ҷаҳонӣ касб намудани Наврӯз муште ба даҳони бадхоҳон гардида, ба таври қотеъ бузургию шаҳомат, решаҳои амиқи фарҳангию таърихӣ ва ҳуқуқию иҷтимоӣ доштани онро ба намоиш гузошт.

Дар замони соҳибистиқлолӣ Наврӯзи оламафрӯз нафаси тоза ёфт. Агар замоне онро Ҷамшед асос гузошта бошад, пас бо талошҳои ватандӯстонаи Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон он умри дубора ёфт.

Ба табиат Наврӯз тантанаи хайр бар шарр, рӯшноӣ бар торикӣ, сафедӣ бар сиёҳӣ, хирад бар ҷаҳолат, сулҳ бар ҷанг, дӯстӣ бар душманӣ, созандагӣ бар харобкорӣ ва оинаи равшани мақсаду мароми мардуми онро асосгузошта мебошад. Намунаи беҳтарини амалии даъвату ҳидоят ба ҳамзистии осоишта дар рӯи замин, бо хираду заҳмати ҳалол пайдо кардани ризқу рӯзӣ, беҳбуд бахшидани рӯзгор ва ободу зебо сохтани меҳвари ягонаи мо - Замин мебошад. Наврӯз бо маънои том муъҷиза аст.

**Мирзо РУСТАМЗОДА, «Садои мардум»**

**Алимуҳаммад МУРОДӢ, Шоири халқии Тоҷикистон**

# ХУШПОВУ ҚАДАМ НАВРӮЗ

*Сад шукр, ки боз омад хушпову қадам Наврӯз,*
*Хушнағмаву соз омад барҳамзани ғам Наврӯз.*

*Тафриқаи хору гул бардошта шуд аз байн,*
*Тарсову мусулмонро овард ба ҳам Наврӯз.*

*Сад тавбаи обидро як мавҷи нигаҳ бишкаст,*
*Орост гулшанро монанди санам Наврӯз.*

*Бар синаи сармо зад зарнайзаи хуршедаш,*
*Рондаст зимистонро аз пуштаву хам Наврӯз.*

*Зад ҳамчу қаламзанҳо бар пираҳани саҳро,*
*Нақше, ки кунад сеҳрат бо сеҳри қалам Наврӯз.*

*Аз оби чоҳи Замзам маст аст агар ҳоҷӣ,*
*Ман мастаму мадҳушам аз замзами Ҷам-Наврӯз.*

*Зебо чун зани тоҷик, атласбадани тоҷик,*
*Дар тан чакани тоҷик зебои ҳарам Наврӯз.*

*Наврӯз ҷаҳонӣ шуд, Наврӯз ҷаҳонӣ буд,*
*Чун ҳикмати зардуштӣ, чун шеъри Аҷам Наврӯз.*

# НАВРӮЗ ОМАД

*Бар кишвари мо иди дилафрӯз омад.*
*Пайғоми наву навиди ғамсӯз омад.*
*Пӯшида ба тан пираҳани гулдӯзӣ,*
*Бо ҳамҳамаю дамдама Наврӯз омад.*

***

*Сад кабки дарӣ масту ғазалхон омад.*
*Ҳам раҳмати Ҳақ ба исми борон омад.*
*Бархезу биё, ки вақти гулгардонист,*
*Шукрона, арӯси сол шодон омад.*

***

*Наврӯзи Ватан аз дили қомус омад,*
*Аз пушти самак садои Ковус омад:*
*Ёрону бародарон бандед камар,*
*Соли наву соли ишқу номус омад.*

**Диловари МИРЗО, «Садои мардум»**

**Дар охирин рӯзи чоршанбеи соли хуршедӣ, пеш аз Наврӯз, мардуми ориёитабор маросиме доштанд, ки онро Чоршанбесурӣ меномиданд. Тибқи мушоҳидаҳои пажӯҳишгарон, то охири асри XIX ва аввали асри XX ин оин дар тамоми манотиқи тоҷикнишини Мовароуннаҳр роиҷ буд. Онро бо оинҳои моҳи сафар омезиш медоданд ва марбут ба ин моҳ медонистанд.**

# ЧОРШАНБЕСУРӢ

## Оине, ки нишонаҳои он миёни тоҷикон боқист

Дар чоршанбеи охири моҳи сафар дар минтақаҳои Дарвоз, Қаротегин, Ёхсу бегоҳӣ, пас аз ғуруби офтоб, гулхани оташро фурӯзон намуда, се бор аз болои он мепариданд, ки онро мардум «чоршанбеи охири сол» ва ё «алавпарак» низ меномиданд. Бовар доштанд, ки ба ин васила аз беморӣ, нодорӣ, бадбахтӣ ва гуноҳи соли пешин худро пок месозанд. Дар асри XIX ва аввали асри XX ин маросимро тоҷикони Бухоро «чоршанбеи суннӣ», дар баъзе ноҳияҳо «чоршанбесурӣ», тоҷикони Косон «чоршанбесурак» меномидаанд.



Солҳои 1920 - 1950 дар аксари ноҳияҳои Тоҷикистон ва Ӯзбекистон бегоҳии чоршанбеи охири сол дар майдону кӯчаҳо оташ фурӯзон намуда, пиру ҷавон аз болои он се бор мепариданд. Баробари ҷаҳидан мегуфтанд: «Зардии ман аз ту, сурхии ту аз ман». Дар баъзе ҷойҳо ин суханро ин тарз ёдовар мешуданд: «ранҷурию зардии ман аз ту, сурхию хуррамии ту аз ман».

Дар Хуҷанд, Кӯлоб, Панҷакент, Яғноб, Бухоро, Самарқанд, Бадахшон ва аксари ноҳияҳои тоҷикнишини Осиёи Марказӣ ҳоло ҳам дар арафаи Чоршанбесурӣ хонаро тамиз кардан, гирди оташдонро тоза намудан, оташ афрӯхтан, ҳазориспанд дуд кардан, гирди сар намак гардондан, гиреҳ кушодан, кӯза шикастан, чойнику пиёлаи осебдидаро дур андохтан, оташбозӣ ва амсоли ин ба назар мерасад. Бештари ин маросим барои он сурат мегиранд, ки инсон аз зиёну заҳмат, номуродиҳои гузашта эмин бошад ва Наврӯзро бо хушӣ истиқбол намуда, дар соли нав тандуруcту солим зиндагӣ кунад. Яке аз суннатҳои аз қадим байни духтарони Бухорову Самарқанд ва баъзе маҳалҳои тоҷикнишин боқимонда «Бахткушоён» мебошад. Садриддин Айнӣ дар «Ёддоштҳо» зимни тасвири «Сайри Файзобод» ва «Иди Наврӯз ва сайри Ширбадан» аз маросими ҷашни Наврӯз ёдовар шудааст. Бархе аз онҳо оинҳое мебошанд, ки марбути Чоршанбесурӣ буда, ҳоло бо ин ном ифода намешаванд.

Дар ноҳияи Сухи Ҷумҳурии Ӯзбекистон қабл аз Наврӯз ба ҳолати оташдон таваҷҷуҳ зоҳир намуда, онро бо гили сафед тармим мекунанд. Ҳамрадиф бо хонатаконӣ зарфҳоро шуста, ба тоқҳо мечинанд. Баъдан, ҳазориспандро, ки онҳо «исириқ» мегӯянд, дуд карда, ба чаҳор гӯшаи хона равон месозанд ва ин мисраъҳоро такрор мекунанд:

**Исириқро дуд кун,**
**Балоҳоро дур кун.**
**Инсу ҷинни бади хеш,**
**Сӯзад дар оташи тез.**

Рӯзи чоршанбеи охири қабл аз Наврӯз мардон мӯй метарошанд, духтарон ва дӯшизагон мӯйи худро майдабофӣ (чил адад) мекунанд. Шомгоҳони он рӯз паридан аз болои оташ дар тамоми Сух расм аст. Дар деҳоти «Тул», «Қалъача» ва «Ғазновӣ» амали мазкурро Чоршанбесурӣ меноманд.

Мардуми Сух, ҳамзамон, се оташ меафрӯзанд ва бо гуфтани ин суханон аз рӯйи оташ мепаранд: «Рӯйи пок аз туву домани пок аз мо, зиёну заҳматамоя афшондему сӯзондем». Ба даври гулхан ҷамъ омада, каф бар ҷониби оташ нигаронида ба рӯй мекашанду мегӯянд: «Ба рӯйи муборакат гардам, зардиямро гиру сурхиятро бите!». Ҳамин маросимро бо андаке тағйирот дар байни тоҷикони ноҳияи Шаҳрисабз низ метавон дид.

Дар минтақаи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшони Ҷумҳурии Тоҷикистон мардум бегоҳии рӯзи чоршанбе ба тозаву пок кардани хонаҳо ва асбобу анҷоми рӯзгор оғоз мекарданд. Марди хонавода барои таъмири дару девори хона аз ҷойи махсус хок меовард, ки ҳангоми овардани он касе ӯро набояд бинад. Ӯ ин корро замоне мекард, ки пардаи торики шом атрофро фаро мегирифт ва ё субҳи барвақт мебуд. Дар баъзе ҷойҳо инро «ситдуздӣ» (хокдуздӣ) мегӯянд. Аз ин гил лойи мулоим тайёр намуда, деворҳои аз дуд сиёҳгаштаи хонаҳоро андова мекарданд. Баъд аз таъмир кадбону бо мадади фарзандони болиғ бо гарди орд рӯйи девор, сутун, бархе аз тирчӯбҳои хонаро бо ҳар гуна нақшу нигор, ба мисли Офтоб, Моҳ, ситораҳо, пайи пойи гӯсфанд ва ғайра оро медод. Ҳангоми покиза кардани хона ва муҷаҳҳаз кардани он ба хонаву ҳавлӣ даромадани шахсони бегона, ҳатто хешу табор низ манъ мешуд.

Мо ҳоло баъзе оини марбут ба Чоршанбесуриро миёни мардуми кишварамон мушоҳида менамоем. Махсусан аз болои оташ паридан рӯзҳои ҷашни Наврӯз дар ноҳияву шаҳрҳо ва «Наврӯзгоҳ»-и шаҳри Душанбе иҷро мешавад.

**Таҳияи Гулчеҳра САЙФИДДИНОВА, устоди ДМТ**

**Чакан ва Наврӯз ду мероси фарҳангии тоҷикон, ки ЮНЕСКО онҳоро эътироф намудааст, бевосита таърихи миллати моянд. Моро на танҳо ба гузаштаамон мепайванданд, балки дар рӯҳияи зебоипарастӣ ва шинохти он тарбия менамоянд. Ин ду мерос, ки бозгӯи тамаддуни қадимаи миллатанд, мисле ки бо ҳам пайвандие дошта бошанд, Наврӯзро бе чакан ва чаканро бе Наврӯз тасаввур кардан муҳол аст.**

# ПАЙВАНДИ ЧАКАН ВА НАВРӮЗ

## Муҳаққиқон бояд онро таҳқиқ намоянд

Бино ба иттилои Мумина Шовалиева, номзади илми таърих, муҳаққиқи таомҳои миллӣ ва ҳунарҳои мардумӣ, бонувони мо дар гузашта ба ҷашни Наврӯз омодагии махсус медиданд.

- Дар сарчашмаҳои таърихӣ омада, ки бонувони тоҷик ба пешвози ин ҷашн манзили зисти худро покиза менамуданд, косаю табақи шикастаро аз хона дур меандохтанд ва либоси нав медӯхтанд. Дар маъхазҳои таърихӣ чӣ гуна либос дӯхтани бонувон наомадааст, аммо омӯзиш ва таҳқиқе, ки мо солҳои тӯлонӣ дар ин самт доштем, гувоҳи онанд, ки беҳтарин либоси бонувони тоҷик чакан будааст, - гуфт ӯ.

Ҳамон гуна, ки Наврӯз таҷассумгари фарҳанги миллии мо мебошад, чакан низ дар худ хусусиятҳои миллӣ, шаклҳои таҷҷубовар, қиссаҳои аҷибу наҷибро доир ба ҷаҳонбинию зебоишиносӣ ва зеҳнияти халқ тавассути нақшҳо бозгӯӣ мекунад. Андешае мавҷуд аст, ки ибтидо дар чакан салиб, ки рамзи ориёӣ арзёбӣ мешавад, (ҳоло ин рамзро бо каме тағйир дар чакан метавон мушоҳида кард) ҳам истифода мешудааст.

Собит гардида, ки дар қадим чакан бештар мазмуни динӣ дошт. Дар он нақши офтоб, моҳ, ҳайвоноти гуногун, оташ, ки одамон онро парастиш мекарданд, дӯхта мешуд. Чун дар гузашта офтоб муқаддас маҳсуб меёфт, дар чакан косагулро ҷой медоданд ва онро рамзи офтоб медонистанд. Ин нақш ба он хотир истифода мегардид, ки домон пок бошад ва Худованд нигаҳбон. Нақши забонаи оташ низ дар чакан мавҷуд аст, ки он пеш аз зуҳури ислом рамзи ҳаёт ва нур дониста мешуд. Дар он рамзи тӯмор, ки аслан ниёкони мо барои дафъи бало ва дигар нохушиҳо бозубанд мекарданд ё ҷойи дигари либос меовехтанд, низ ба назар мерасад.

- Гул рамзи зебоиву зиндагӣ ва рамзи ҳаёт аст. Бостоншиносон бори нахуст аз Қалъаи Муғ латтапораеро ёфтанд, ки дар он гул инъикос гардида, бо ҳуруф «дарахти ҳаёт» (ин латтапора дар Осорхонаи бостоншиносӣ ва мардумшиносии назди АМИТ маҳфуз аст) навишта шуда буд. Ин далели муътамад моро итминон мебахшад, ки гузаштагонамон гулро на танҳо рамзи зебоӣ, балки рамзи зиндагӣ низ медонистанд. Наврӯз зиндашавӣ, эҳёи табиат аст ва ҳамин рамз дар чакан инъикос ёфтааст,- афзуд М. Шовалиева.

Ҳамасола Ҷашни байналмилалии Наврӯз аз пироҳани чакани бонувон гулпӯш мегардад. Ба таъбири устоди зиндаёд Зафар Мирзоён: «Дар рӯзҳои наврӯзӣ, ҳар гоҳ ки бонувон ба рақс меоянд, аз остинҳояшон партави офтоб ба кишвар нурпошӣ мекунад». Ин андеша ва тасвири мармузу зебо аз ҷониби нафаре баён шуда, ки солҳои зиёд чаканро омӯхтаву таҳқиқ намудааст.



Воқеан, бисёр рамзҳои Наврӯзро аз чакан низ метавон дарёфт. Метавон гуфт дар чакан на танҳо ҳунари ниёкони бошарафамон, зебоиҳои Ватан, балки осори ҷашни бошукӯҳи Наврӯз низ нуҳуфта аст, ки муҳаққиқон бояд онро таҳқиқ намоянд.

**Фарзона ФАЙЗАЛӢ, «Садои мардум»**

# СУҲБАТИ САРИРОҲӢ

**Гузаштагонамон Наврӯзро ҳамчун иди баҳор, рӯзи аввали соли нав, бо меҳру муҳаббат ва зебоию покӣ ҷашн мегирифтанд. Ҳар кӣ дар ин рӯз бо дили пок орзуе намояд, албатта, ба мақсадаш мерасад. Дар арафаи таҷлили ин иди бузурги байналмилалӣ бо чанде аз ҳамватанонамон суҳбати сарироҳӣ анҷом додем.**

**Садбарг ҲАЙДАРЗОДА, мудири шуъбаи маорифи шаҳри Норак:**

- Наврӯз моро ба гузаштагони дурамон беҳтару бештар ошно месозад, зеро мо аз Наврӯз дармеёбем, ки онҳо чӣ гуна анъанаю маросим доштанду сарсабзӣ, покӣ ва меҳрро васф менамуданд. Шайх Саъдии Шерозӣ мефармояд:

***Одамӣ нест, ки ошиқ нашавад***
***фасли баҳор,***
***Ҳар гиёҳе, ки ба Наврӯз***
***наҷунбад, ҳатаб аст.***

Воқеан, Наврӯз иди бедорӣ, иди сарсабзӣ аст. Бо бедор шудани табиат одамӣ низ бедор шуда, нумӯи тоза мегирад. Бояд ӯ донад, ки сабзаҳо, гулҳо чӣ гуна синаи хокро мешикофанду сар боло мекунанд, зебоию тароват меоранд. Агар ба дарахтон ҳам бингарем, ин асарро дар онҳо низ мебинем.

Насими форами наврӯзӣ медамад ва ҷони одамӣ низ аз он ҳаловат мебарад. Пас, бояд ба қадри ин ҳама неъматҳо, ки бароямон ато намуданд, расем. Инсонҳоро дӯст дорем.



**Суҳроб ҶОБИРОВ, сартабиби беморхонаи марказии ноҳияи Файзобод:**

- Наврӯз аз идҳои бузурги мо-тоҷикон аст. Он шукӯҳу шаҳомати хоса дорад. Кас наметавонад ин идро дӯст надорад ва хуб ҷашн нагирад. Сол аз Наврӯз оғоз ёфта, рӯзу шаб дар он баробар мешавад, фасли зебои табиат - баҳор оғоз меёбад.

Гузаштагони мо дар арафаи Наврӯз хонаҳоро рангубор мекарданд, то тозаю озода ва пок бошанд. Пиру барно ба ҷашнгоҳ мерафтанд. Гӯштингирӣ, бандкашӣ, дастхобонӣ, аспдавонӣ ва дигар бозию озмунҳо баргузор мегашт. Барои ин ҳама, албатта, омодагӣ мегирифтанд ва он гувоҳи пешрафт, тандурустии мардуми мо буд.

**Мунира ҲАКИМЗОДА, мудири бахши САҲШ-и ноҳияи Варзоб:**

- Шукр, боз ба Наврӯз, ба соли нав, айёми сарсабзию ҷавонии табиат расидем.

Ман аз он шодам, ки чандин баҳори сулҳу оштиро мебинам. Мебинам, ки ҷумҳурии азизамон сол то сол зебою обод мегардад. Албатта, launched наметавон дар ин ҳол аз сиёсати хирадмандонаи Пешвои миллат, Президенти кишварамон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ёдовар нашавем.

Шуъбаи САҲШ-и ноҳияи Варзоб ҳамасола барои ин иди бузург, иди соли нав, иди ҷавонӣ, иди меҳру муҳаббат ва сарсабзӣ корҳои зиёдро ба сомон мерасонад. Мехоҳам ҳар рӯзи мардуми Тоҷикистони азизамон Наврӯз бошад.

**Муҳиддин НОРБУТТАЕВ, собиқадори меҳнат, сокини деҳоти «Султонобод»-и ноҳияи Рӯдакӣ:**

- Ҳикояҳо ва ривоят оид ба пайдоиш ва суннатҳои иди Наврӯз хеле зиёданд. Фирдавсии бузург пайдоиши иди Наврӯзро ба қалам дода, чунин мегӯяд:

***Ҷамшед бар гавҳар***
***афшонданд,***
***Мар он рӯзро рӯзи нав хонданд.***

Мо бо такя ба гуфтаҳои гузаштагон, ҳар сол иди Наврӯзро аз рӯи урфу одат бо шукӯҳу шаҳомати баланд баргузор менамоем.

Бонувон иди Наврӯзро бо анъанаҳои хос таҷлил менамоянд. Аввалан, хонаву ҳавлиҳоро тамиз гардонида, анҷоми хонаро бароварда, ба гармии офтоб мегузоранд. Ду ҳафта қабл то оғози Наврӯз гандумро тоза карда, дар табақҳои чӯбин бо оби борон тар карда, дар ҷои гармтар нигоҳ медоранд ва дар ин муддат сабзаи гандум тайёр мешавад. Сипас, бонуҳои чирадасти деҳа як рӯз пеш аз таҷлили Наврӯз дар як хона ҷамъ шуда, онро бо решаю боқимондаи сабзааш кӯфта, дар давоми як шабонарӯз дар васфи суманак ва Наврӯз бо қироати шеърҳо сурудхонию рақсу бозӣ карда, аз он суманак мепазанд. Гурӯҳи дигари бонуҳо субҳи барвақти рӯзи иди Наврӯз дар майдони сабзазори байни деҳа дастархони идонаро оро медиҳанд. Дар ин рӯз чун анъана хонаи наварӯсонро бо либосҳои миллию дигар анҷом оро дода, ҷавондухтарони деҳаро барои дидан ба ин хонаҳо мееоранд.

**Суҳбаторо Муҳаммад ЗОКИР, «Садои мардум»**

**Наврӯз ва Истиқлолият**

# ҶАШНИ ОДАМИЯТУ ФАРҲАНГСОЛОРӢ

**Ба шарофати истиқлолияти давлатӣ ва муттаҳидию сарҷамъии миллати тоҷик Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон арзишҳои зиёди миллиро аз нав эҳё намуданд, ки дар миёни онҳо Наврӯз ҷойгоҳи хос дорад.**

Наврӯз бо обу хок, марзу бум ва рӯҳи тамаддунсози ниёгони мо пайванди азалӣ дошта, расму оини он соҳиби рамзҳоест, ки аз замонҳои бостонӣ то имрӯз дар рӯзгори мардум мақоми хоса дорад.

Расми хубе, ки тоҷикон дар ҷашнгирии Наврӯз анҷом медиҳанд, суннати густурдани суфра ё дастурхони идона аз боигарии табиати диёр мебошад, ки ифодагари саховатмандии табиат буда, ишора бар он аст, ки инсон низ мисли табиат бояд саховатпеша бошад.

Ин ҷашн дар омад-омади худ як пайки хосеро доро мебошад. Дар ин рӯзҳо ҳама, бахусус гулдухтарон, либосҳои атласу чакан ба бар намуда, модарон ба тайёр кардани суманаки наврӯзӣ омодагӣ мегиранд ва деҳқонон ба киштукор оғоз мекунанд.

Дар айёми Наврӯз табиат эҳё гардида, инсон неруи нав мегирад, одамон амалҳои саховату накукорӣ ва хайру савоброро ба ҷо меоранд ва ба ҳамдигар шодиву сурур мебахшанд.

Мутобиқи тақвими аҷдодиамон ва низоми ҳаракати сайёраҳо 21-уми март шабу рӯз баробар шуда, рӯзи аввали баҳор, рӯзи киштукори деҳқон ба шумор меравад ва Наврӯз ба унвони иди баҳор ва эҳёи табиат дар сатҳи баланд ҷашн гирифта мешавад.

Аз абёти ҳаким Абулқосими Фирдавсӣ бармеояд: «Вақте ки Ҷамшед аз корҳои давлатдорӣ биёсуд, бар тахти каёнӣ биншаст ва тамоми бузургони кишвар ва лашкар бар атрофи тахти ӯ давра нишастанд ва бар ӯ гуҳар пошиданд. Шоҳ Ҷамшед ин рӯзро, ки нахустин рӯзи Фарвардин ва оғози сол буд, Наврӯз номид».

Мардуми ориёӣ дар тӯли қарнҳо бо тамоми роҳу воситаҳо тавонистанд, ки ин мероси фарҳангии худ, аз ҷумла анъанаи ҷашни Наврӯзро нигоҳ доранд. Онро аз хурофот дифоъ карданд ва ин анъанаро то ба насли имрӯз расонданд. Айни ҳол ҷашни Наврӯзро ғайр аз кишвари мо боз дар бисёр манотиқи олам, ба мисли Эрону Озарбойҷон, Ӯзбекистону Қирғизистон, Қазоқистону Туркманистон, Афғонистону Албания, Туркияю Македония, Тотористон, Бошқирдистон, Доғистон ва Ҷумҳурии Мардумии Чин, тaҷлил менамоянд.



Собиқаи таърихӣ ва фарҳангии ин ҷашни инсонсоз далели он аст, ки ҳамеша ҷонибдори саодату пирӯзии насли башар буда, инсонро ба сӯи ҳамдигарфаҳмию вафодорӣ, хирадмандию ақлгароӣ ва худшиносию худогоҳӣ ҳидоят намудааст.

Боиси ифтихори ватандорони Наврӯз, аз ҷумла миллати куҳанбунёди тоҷик аст, ки ҷашни қадимаю суннатии мардуми тоҷик Наврӯз чанд сол инҷониб дар саросари ҷаҳон бо шукӯҳу шаҳомати хоса таҷлил карда мешавад. Зеро бо ташаббусу пешниҳоди Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва сарварони як зумра кишварҳои ҳавзаи Наврӯз 30-юми сентябри соли 2009 ЮНЕСКО Наврӯзро ба рӯйхати ёдгориҳои ғайримоддии инсоният ворид сохт ва дар ин асно Созмони Милали Муттаҳид 23-юми феврали соли 2010 дар Иҷлосияи 64-уми Ассамблеяи генералӣ қароре ба тасвиб расонд, ки тибқи он 21-уми мартро Рӯзи байналмилалии Наврӯз эълон намуд. Маҳз бо ҷаҳонӣ гардидан Наврӯз ҳамчун ҷашни созандаю сулҳовар, муттаҳидкунандаи инсонҳо, таблиғкунандаи дӯстию рафоқат, баробарӣ ва таъминкунандаи ахлоқи ҳамидаи инсонӣ эътироф гардид.

Яке аз сабабҳои зуд истиқбол шудани Наврӯз ҳамчун ҷашни ҷаҳонӣ дар он аст, ки ҷашни фарҳангию сулҳофар аст ва ба дину оине рабт надорад. Аҷдодони мо мегуфтанд, ки дар рӯзи таҷлили ин ҷашн бояд дилҳо аз кинаю нафрат пок бошанд ва бо миёнаравии шахсони рӯзгордида қаҳриҳо бо ҳам оштӣ мекарданд.

Боиси хушнудист, ки мардуми шарифи Тоҷикистон Ҷашни байналмилалии Наврӯзро дар фазои сулҳу осоиштагӣ ва ифтихор аз яксолагии амалӣ гардидани панҷумин ташаббуси байналмилалии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таҷлил менамоянд. Аз ҷониби СММ эълон шудани 21-уми март Рӯзи байналмилалии ҳифзи пиряххо дар пасманзари Ҷашни байналмилалии Наврӯз рамзу ҳикмат дошта, нишон аз арҷгузории ҷомеаи ҷаҳонӣ ба фарҳанг, таърих, осори ниёгони миллати тоҷик ва шахсияти Пешвои миллат, эҳёгари расму оинҳои миллӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад.

Ҳамин гуна, дар даврони соҳибистиқлолии Тоҷикистон ҷашни Наврӯз ҳамчун мероси фарҳанги миллӣ ва оини муқаддаси ниёгон мазмуну шукӯҳи тоза пайдо кард.

Дар ин рӯз ҳунарҳои миллии мардумӣ ба намоиш гузошта мешаванд. Намоишҳои дастаҷамъии ҳунармандон, бозиҳои миллӣ, аз қабили гӯштин, бузкашӣ, аспдавонӣ, баргузор мегарданд.

Инчунин, бо шарофати соҳибистиқлолии Тоҷикистон бисёре аз маросими наврӯзӣ, суннатҳои ин оини бостонӣ бо шаклу шеваи нав роиҷ шуда истодаанд. Аз ҷумла, бо ибтикори Пешвои миллат тарҳи арчаи наврӯзӣ ва халтачаҳои солинавӣ таҳияву тасдиқ шуда, мавриди истифода қарор гирифтаанд.

**Фарҳунда АБДУЛҲАКИМОВА, «Садои мардум»**

**БА ТАВАҶҶУҲИ ПУДРАТЧИЁН ВА МОЛРАСОНҲО!**

## ДАЪВАТНОМАИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ХАРИД

**Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - мақомоти ваколатдор) ва ташкилотҳои харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронда мешаванд, даъват менамоянд:**

| | № | Ташкилоти харидор | Мавзуи харид | Усули харид | Навъи харид | Миқдори номгӯй | Санаи анҷоми қабули дархостҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 420669 | Муассисаи давлатии таҳсилоти томактабии «Ширхоргоҳ - кӯдакистони №55»-и ноҳияи Сино | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 32 | 08.04.2024 17:22:11 |
| 2 | 420671 | Шуъбаи фарҳанги ноҳияи Мастчоҳ | Ниҳоли дарахтҳо | Озмуни кушод | Мол | 4 | 08.04.2024 18:20:00 |
| 3 | 420672 | Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Конибодом | Корҳо дар самти гузоштани қубурҳо дар Ҷамоати деҳоти ба номи Ҳамробоеви шаҳри Конибодом | Озмуни кушод | Кор | 1 | 08.04.2024 18:20:00 |
| 4 | 420673 | Мақомоти иҷроияи хокимияти давлатии шаҳри Конибодом | Қисмҳои эҳтиётии таҷҳизоти обкашӣ | Озмуни кушод | Мол | 9 | 08.04.2024 18:30:00 |
| 5 | 420674 | Муассисаи давлатии таълимии томактабии кӯдакистони №1-и ноҳияи Ҷаббор Расулов | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 35 | 08.04.2024 18:40:00 |
| 6 | 420675 | Маркази саломатии ноҳияи Ашти вилояти Суғд | Тестҳо ва скарификаторҳо | Озмуни кушод | Мол | 5 | 08.04.2024 18:45:00 |
| 7 | 420676 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Мумфаршкунии қитъаҳои алоҳидаи роҳи автомобилгарди Душанбе-Хуҷанд-Бӯстон-Чанорқ, қитъаи роҳ дар маҳаллаҳои 14-15-и шаҳри Хуҷанд. Марҳилаи 1 (гузоштани фарши асфалтубетонӣ, ғафсӣ: 5 см, масоҳат: 4200 м²) | Озмуни кушод | Кор | 1 | 09.04.2024 08:05:05 |
| 8 | 420677 | Маркази назорати давлатии санитарию эпидемиологии шаҳри Истаравшан | Таъмири намои бинои Маркази назорати давлатии санитарию эпидемиологии шаҳри Истаравшан | Озмуни кушод | Кор | 1 | 09.04.2024 08:20:45 |
| 9 | 420678 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Мумфаршкунии қитъаҳои алоҳидаи роҳи автомобилгарди Душанбе-Хуҷанд-Бӯстон-Чанорқ, қитъаи роҳ дар маҳаллаҳои 14-15-и шаҳри Хуҷанд. Марҳилаи 2 (гузоштани фарши асфалтубетонӣ, ғафсӣ: 5 см, масоҳат: 4600 м²) | Озмуни кушод | Кор | 1 | 09.04.2024 08:33:23 |
| 10 | 420679 | Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино | Қисман васл ва насб намудани камераҳои назоратӣ дар хобгоҳҳои №1,2,3,5,6-и донишгоҳ | Озмуни кушод | Хизматрасонӣ | 1 | 09.04.2024 09:30:00 |
| 11 | 420680 | Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино | Таҷҳизот, асбобҳо ва лавозимоти тиббӣ | Озмуни кушод | Мол | 48 | 09.04.2024 10:00:00 |
| 12 | 420681 | Муассисаи давлатии тандурустии таваллудхонаи вилояти Суғд | Таҷҳизоти тиббӣ | Озмуни кушод | Мол | 3 | 09.04.2024 11:26:26 |
| 13 | 420682 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Молҳои хоҷагӣ | Озмуни кушод | Мол | 11 | 09.04.2024 13:00:00 |
| 14 | 420670 | Муассисаи давлатии «Телевизиони Душанбе» | Кабел, курсӣ ва подвес барои квадрокоптер | Озмуни кушод | Мол | 3 | 09.04.2024 17:35:00 |
| 15 | 420683 | Маркази шаҳрии ҳимояи аҳолӣ аз беморӣи сил дар шаҳри Душанбе | Мизҳо, ҷевони китобмонӣ, генератори бензинӣ, яхдон, колонкаи садо, зинаи оҳанӣ | Озмуни кушод | Мол | 8 | 10.04.2024 14:20:09 |

Озмунҳои харид дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **https://eprocurement.gov.tj** баргузор мегарданд.

Довталабон барои иштирок дар озмунҳо бояд дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шаванд. Бақайдгирӣ ройгон анҷом дода шуда, довталабон метавонанд барои кумак барои бақайдгирӣ ва иштирок дар озмунҳо ба Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портал муроҷиат намоянд.

Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт тавассути филиалҳои КВД БА ҶТ «Амонатбонк» ё барномаи мобилии «Амонатмобайл», ҳуҷҷатҳои тендерии худро бояд то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Муҳлати муқарраршуда муҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставели - 22.**

Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: 446000304.

## ДАЪВАТ БАРОИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУН

**САНАИ ДАЪВАТ: 20 марти соли 2024**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**МАНБАИ МАБЛАҒГУЗОРӢ:**
**«Лоиҳаи таҳкими устувории иҷтимоӣ-иқтисодӣ» (ЛТУИИ), P168052**
**РАҚАМИ ГРАНТ: D5000-TJ**
**РАҚАМИ ҚАРОРДОДҲО: NSIFT-SERSP-1A-242; NSIFT-SERSP-1A-243:**

**Бунёди миллии иҷтимоии маблағгузории Тоҷикистон (БМИМТ) ташкилотҳои сохтмонии ихтисосмандро даъват менамояд, ки пешниҳодҳои озмунии худро барои иштирок дар озмун ҷиҳати иҷрои зерлоиҳаҳои зерин манзур намоянд:**

SERSP-1A-242 «Сохтмони бинои таълимии 6 синфхона дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №21-и деҳаи Ҳоҷидара, Ҷамоати деҳоти Даштиҷум, ноҳияи Шамсиддин Шоҳин»;

SERSP-1A-243 «Сохтмони 4 синфхона дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №22-и деҳаи Сарчашма, Ҷамоати деҳоти Сарчашма, ноҳияи Шамсиддин Шоҳин».

**Ҳуҷҷатҳои озмунро аз суроғаи зерин дастрас кардан мумкин аст:**

- Дафтари марказии Бунёди миллии иҷтимоии маблағгузории Тоҷикистон (БМИМТ) дар шаҳри Душанбе, кӯчаи Беҳзод 25, ошёнаи чоруми бинои Муассисаи давлатии «Тоҷикфилм».

Пешниҳодҳои иштирокчиёни озмун бояд аз рӯи шакли муқарраршуда тибқи бастаи ҳуҷҷатҳои озмунӣ то соати $15^{00}$ рӯзи 10 апрели соли 2024 ба суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Беҳзод 25, ошёнаи чоруми бинои Муассисаи давлатии «Тоҷикфилм» пешниҳод шаванд.

Пешниҳодҳои озмунӣ на дертар аз муҳлати зикршуда қабул карда мешаванд ва давоми 30 рӯз эътибор доранд.

**Маълумотҳоро тавассути телефонҳои БМИМТ гирифтан мумкин аст:**

- шаҳри Душанбе: (8-992-37) 221-31-08, 221-68-44;
- почтаи электронӣ: info_sersp@nsift.tj; сомонаҳо http://www.nsift.tj, http://sersp.nsift.tj


## МУЖСКОЙ КОРЕНЬ - РАҲОӢ АЗ ПРОСТАТИТИ ШАДИД ВА АДЕНОМА!

- ба беҳшавии гардиши хун, кушодаву рафъ шудани қарорахо дар ғадуди простата мусоидат мекунад;
- ба пурра холӣ шудани пешобдон кумак расонида, аз зудзуд пешобкунӣ наҷот медиҳад;
- фаъолияти ҷинсии мардонро баркарор месозад.

ТАРЗИ ИСТЕЪМОЛ: РӮЗЕ ДУ БОР БА ТАГИ ЗАБОН 15-20 ЧАКРА.

ДАВОМНОКИИ ТАБОБАТ: 1 моҳ.
ШАКЛИ БАРОРИШ: шишача 50 мл.

АЗ ДОРУХОНАҲО ПУРСОН ШАВЕД.




Телефон барои тамос: +992 000400071

## РАВШАНИИ ЧАШМОНИ ШУМО!

Кӯдакатонро камбиноӣ азият медиҳад ё хирашавии чашмонатон шуморо ғамгин сохтааст?

**«Флавигран очанка»** - барои бемориҳои гуногуни чашм, аз ҷумла шамолхӯрдагӣ, катаракта глаукома, миопия (наздикбинӣ ва дурбинӣ), ҳамчунин, захми қарнияи чашм ва ҳифз кардани он аз таъсири омилҳои беруна, муфид аст. Барои таъмин ва муътадил нигоҳ доштани рагҳои хунгарди чашм низ мусоидат мекунад.

**Таркиби дору:** муруди ҷангалӣ, зайтун, хуч, марҷумак, афшураи лимӯ ва сабзӣ. **Истеҳсол** – Федератсияи Россия.




АЗ ДОРУХОНАҲО ПУРСОН ШАВЕД.

**Тарзи истеъмол:** 1 қошуқча доруро дар 100 мг об омехта, рӯзе 3 маротиба истеъмол намоед. **Давомнокӣ**: як моҳ. Баъд аз 6 моҳ ин табобатро такрор кардан мумкин аст.

Телефон барои тамос: +992 000400071


## ДАРАК ДИҲЕД!

Суди ноҳияи Бобоҷон Ғафурови вилояти Суғд ба шаҳрванд Нарзиев Абдураҳим, санаи таваллудаш 1-уми июни соли 1947, суроғаи охирини ҷои зисташ ноҳияи Бобоҷон Ғафуров, Ҷамоати деҳоти Ёва, кӯчаи Тоҷикобод, пешниҳод менамояд, ки ба суди ноҳияи Бобоҷон Ғафуров ҳозир шавад ё аз ҷои зисти худ дарак диҳад.

Аз ҳамаи онҳое, ки дар бораи Нарзиев Абдураҳим маълумоте доранд, хоҳишмандем, ба суди ноҳияи Бобоҷон Ғафуров хабар диҳанд.

## ЭЪЛОН!

ҶСК «Шабакаҳои тақсимоти барқ» 33072,6 кг пораву партовҳои металҳои сиёҳ ва 6684,3 кг пораву партовҳои металҳои рангаро 4-уми апрели соли 2024 ба фурӯш мегузорад.

Барои гирифтани маълумот бо суроғаи шаҳри Душанбе, хиёбони Исмоили Сомонӣ 64, бинои ҶСК «Барқи Тоҷик», ошёнаи 6 муроҷиат кардан мумкин аст.

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓ Шаҳодатномаи гумшудаи соҳибкорӣ бо РЯМ 3130045985, ки онро Нозироти андоз дар ноҳияи Хуросон ба Абдураҳимов Рустам Мамараҷабович додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи гумшудаи бақайдгирии давлатӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар ноҳияи Рӯдакӣ бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, шаҳраки Сомониён, кӯчаи Бӯстон, бинои 57, хонаи 4 ба Тураев Умед додааст, эътибор надорад.

✓ Сертификати гумшудаи ҳуқуқи истифодаи замини дараҷаи А №0483618, ки онро Кумитаи идораи замини ноҳияи Рӯдакӣ17-уми декабри соли 2014 таҳти қайди 32474 барои истифодаи якумраи меросӣ ба сокини ноҳияи Рӯдакӣ, Ҷамоати деҳоти Чимтеппа, деҳаи Чимтеппа Зиёева Зумрат додааст, эътибор надорад.

✓ Сертификати гумшудаи ҳуқуқи истифодаи замин, ки онро Кумитаи заминсозии ноҳияи Лахш 12-уми феврали соли 2013 ба хоҷагии деҳқонии «Сомонӣ» (РМА 105081051, РЯМ 1030019485) роҳбараш Ҷумаҳмадов Қурбоналӣ додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи гумшудаи хариду фурӯши хонаи истиқоматӣ, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Рӯдакӣ 3-юми ноябри соли 1995 таҳти феҳрасти 3К-1087 бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, кӯчаи Киров, бинои 57, хонаи 3 «а» ба Рустамова Бибигул додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати гумшудаи силсилаи Т-ШТУ № 0499216, ки онро Гимназияи №74-и шаҳри Душанбе соли 2012 ба Бурханов Аъзамхон Шералиевич додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи хонаи истиқоматӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Шараф, хонаи 341 «а» ба Фармонова Махфират Юсуфовна додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи бақайдгирии давлатии таъсисёбӣ, Иқтибос аз Феҳрасти ягонаи шахсони ҳуқуқӣ ва рақами мушаххаси андозсупорандаи гумшудаи ҶДММ «Империя 55» (РМА 0210018032), ки Нозироти андоз дар ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе ба қайди давлатӣ гирифтааст, эътибор надоранд.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи манзили истиқоматӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Ҳисор таҳти рақами кадастрии 03-005-000406 санаи 2-юми ноябри соли 2015 бо суроғаи шаҳри Ҳисор, Ҷамоати деҳоти Сомон, деҳаи Боғистон ба Сафаров Абдушаҳоб додааст, эътибор надорад.

✓ Дафтари гумшудаи хона, ки онро ШВКД-1 дар ноҳияи Фирдавсӣ бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Деҳотӣ, бинои 21/3, хонаи 35 ба Гадоева Қизларой додааст, эътибор надорад.

✓ Иқтибоси гумшуда аз Феҳрасти соҳибкорони инфиродӣ, ки онро Нозироти андоз дар ноҳияи Рӯдакӣ 25-уми ноябри соли 2016 ба Ачилов Машраб Дониёрович додааст, эътибор надорад.

✓ Дафтари гумшудаи хона, ки онро ШВКД-1 дар ноҳияи Фирдавсӣ бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Фирдавсӣ, бинои 5/16, хонаи 69 ба Садридинзода Акмал Садридин додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи гумшудаи А04759584, ки онро ШВКД-2 дар ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе 3-юми феврали соли 2023 ба Садулаев Содирхон Зувайдулоевич додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи ронандагии гумшуда, ки онро ШБИ РБДА ВКД ҶТ соли 2007 ба Садулаев Содирхон Зувайдулоевич додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи хонаи истиқоматӣ ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Душанбе соли 2023 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Мастонгулов, хонаи 134/1 ба Аблакулов Бахтиёр додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи хонаи истиқоматӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Душанбе соли 2017 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Шоҳтемур, бинои 57, хонаҳои 186-187 ба ҶДММ «Авитсенна» додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи гумшудаи хариду фурӯши хонаи истиқоматӣ таҳти феҳрасти №2К-1240, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Ленин (ҳоло Рӯдакӣ) 26-уми августи соли 1992 бо суроғаи ноҳияи Ленин, кӯчаи Рабочая, хонаи 23 (ҳоло ноҳияи Рӯдакӣ, Ҷамоати шаҳраки Сомониён, кӯчаи Беҳруз) ба Меликов Юрий Григорьевич додааст, эътибор надорад.

✓ Рақами мушаххаси андозсупорандаи гумшуда, ки онро Нозироти андоз дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе таҳти рақами 040042565 санаи 7-уми майи соли 2013 ба ҶДММ «Форум Душанбе» додааст, эътибор надорад.

✓ Дафтарчаи меҳнатии гумшудаи силсилаи ОТ-1 №1616881, ки онро Шуъбаи маорифи шаҳри Турсунзода 9-уми августи соли 1993 ба Холтураева (ҳоло Бойназарзода) Муҳайё Бойназаровна додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи гумшудаи хариду фурӯши хонаи истиқоматӣ, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе 23-юми июни соли 2016 таҳти феҳрасти 1Ш-909 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Чернышевский, бинои 12, хонаи 9 ба Эшонов Хоркаш Маҳмадаминович додааст, эътибор надорад.

✓ Патенти гумшуда, ки онро Нозироти андоз дар шаҳри Хуҷанд ба Шарипова Фируза Гуламджановна (РЯМ 5130113276) додааст, эътибор надорад.

## БАРҲАМ МЕХӮРАД

✓ ҶДММ «Ошхонаи Бобоҷон» (РМА 600014574, РЯМ 6010006778), ки Нозироти андоз дар шаҳри Панҷакент, 17-уми ноябри 2022 ба қайди давлатӣ гирифтааст, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

✓ ҶДММ «Иқболи Бахтовар» (РЯМ 0910010310, РМА 090016546), ки Нозироти андоз дар шаҳри Ҳисор 18-уми июли соли 2022 ба қайди давлатӣ гирифтааст, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.


Садои мардум

Муассис: Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

САРМУҲАРРИР
Бахтовар КАРИМЗОДА

Рӯзнома ба тарзи офсет дар ҶДММ «Мега-принт» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
*Абдухолиқ Мирзоев, Далер Абдулло, Ориф Ёдгоров, Сайфиддин Суннатов, Шариф Атобуллоев, Фарзона Файзалиева, Фарҳунда Абдулҳакимова.*

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ 238-53-71; Сармуҳаррир факс 221-36-04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус 238-53-56; муовин 238-54-52; котибот 238-59-32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва ҳуқуқ 238-58-95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва сиёсати иҷтимоӣ 238-58-91; шуъбаи фарҳанг, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва регламент 238-58-93; муҳаррири шуъбаи мактубҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа 238-52-97; муҳосибот 238-53-49; шуъбаи обуна, қабули эълонҳо ва техникӣ 238-54-57; хабарнигорон дар ВМКБ 93-355-51-03, 93-458-65-69; вилояти Хатлон 919-67-88-78, 985-82-81-97; вилояти Суғд 92-773-28-76, 92-771-76-72, 93-535-06-66; ШНТҶ - 000-03-03-80, 918-68-40-17.
**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj **ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз чор саҳифа, бо шрифти 14, Times New Roman Tj, интервали 1,5 зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пасгардонида намешавад.

*Ба чопаш 20 марти соли 2024, соати 15:30 иҷозат дода шуд. Адади нашр 35080 нусха*

Навбатдори шумора
Р. Ҳабибов

Тарроҳони компютерӣ
Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров

Рӯзномаи «Садои мардум» 30-юми октябри соли 2022 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 332/РЗ 97